ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

734003 ш. Душанбе	**Тел: +992 (37) 224-13-83**	**734003 г. Душанбе,**
хиёбони Рӯдакӣ, 121	**e-mail: info@tgpu.tj**	**проспект Рудаки, 121**

13.10.26 № 03/1015

Ба президенти Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон
профессор Сафаров Ш.А.

Муҳтарам Шоди Асомуродович,

Раёсати Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои ҳамкориҳои пайваста дар самти омода намудани кадрҳои илмӣ изҳори сипос менамояд.

Ҳамзамон, ба иттилои Шумо мерасонад, ки диссертатсияи номзадии унвончӯи кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Мазамӣ Гулбаҳор Мазам дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди фаъолнокии маърифатии хонандагони зинаи сеюми таҳсилоти миёнаи умумӣ» аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот таҳти роҳбарии доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сайфуллоева Зарина Хайруллоевна омода гардида, аз муҳокимаи кафедра гузаштааст.

Аз ин рӯ, аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамояд, ки бобати ҳимояи диссертатсияи номзадии номбурда, дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-152-и назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон мусоидат менамудед.

Бо эҳтиром,
Ректор А. Ибодуллозода